# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи диссертатсияи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки мактабу маориф яке аз ниҳодҳои хеле муҳим ва муассири иҷтимоии ҷомеаи имрӯз буда, дар шароити муосир ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Зеро тарбияи инсони солимандешаю ватандӯст, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи матлуб маҳз ба соҳаи маориф бастагӣ дорад.

Бояд таъкид намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ ҷиҳати рушди ин навъи сармоя дар кишвар чунин дастур ироа карда буданд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд».

Муҳиммияти мавзӯи мавриди таҳқиқ дарки ин нукта таъкид мекунад, ки мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб ҷузъи ҷудонашавандаи фазои ягонаи таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлоли воқеӣ мебошад., аҳамияти махсус доранд.

Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзӯи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Муаллиф бо такя ба сарчашмаи муҳимми тадқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, асноди меъёрии ҳуқуқии ҷумҳуриявӣ аз қабили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (1993, 2004), Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2004, таҳти №425 “Барномаи давлатии омода кардани кадрҳои педагогӣ барои солҳои 2005-2010”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, таҳти №291 “Дар бораи нақшаи татбиқи ислоҳоти низоми маориф дар солҳои 2004-2009”, Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, таҳти №207 мебошанд дар Тоҷикистон хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Қобили зикр аст, ки навоварии рисолаи Сафарзода Ғ.Ғ. аз он иборат аст, ки он нахустин таҳқиқот оид ба ин мавзуъ дар илми таърихнигории ватанӣ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб рафта, дар он таҳлили ҳамаҷонибаи рушди низоми мактабу маорифи

минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX - ибтидои асри XXI б ва мушкилоти дар ин замина ҷой дошта, ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи илмии таърихи рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX - ибтидои асри XXI марҳилаи зарурӣ дар омӯзиши таърихи низоми таҳсилоти Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, хусусиятҳои минтақавии рушди соҳа, раванди густариши мактабу маориф дар интиҳои садаи бист ва ибтидои ҳазораи нав аҳамияти бузурги илмӣ касб менамояд.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзӯъ ба талабот мувофиқ буда, рушди низоми мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар охири асри XX - ибтидои асри XXI ба таври назаррас аз маҷрои даҳсолаҳои гузашта фарқ мекунад дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди таҳқиқу пажӯҳиш ва назар қарор гирифтааст. Унвонҷӯ аз манбаҳои боэътимодро баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, хулосаҳои зарурӣ баровардааст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор додани дараҷаи инъикоси омилҳо ва таҳлили ҷанбаҳои минтақавии рушди мактабу маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи Кӯлоб маҳсуб меёбад.

Дар раванди таҳқиқи рисолаи мазкур унвонҷӯ пеш аз ҳама ба ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқотӣ диққати махсус дода, дар рафти таҳқиқот риояи истифодаи усули диалектикии илмӣ - таърихию фарҳангиро роҳандозӣ намуда, тамоми ҷузъиёт ва робитаю алоқаҳои сабабу натиҷаи рушди низоми мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ҳамзамон, дар боби аввал таҳти унвони вазъи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар солҳои 90-уми асри XX, масъалаҳои мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маориф, пойгоҳи моддию таълимии мактабҳои минтақаро дар бар гирифта, муаллифи рисола онро хеле равшану возеҳ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Инчунин боби дуюми рисола рушди маорифи минтақа дар ибтидои асри XXI ном дошта, масълаҳои татбиқи амалии ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариш бастандартҳои ҷаҳонӣ, рушд ва дигаргуниҳои сифатӣ дар низоми маорифи минтақа, таҳкими пойгоҳи моддӣ ва рушди раванди таълимро хеле муфассал баён менамояд.

Дар хулоса, натиҷаҳои умумии тадқиқот ҷамъбаст ва пешниҳодоти муаллиф барои рушди соҳа оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, рисолаи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани

дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

22.01.23

Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии
ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,
профессор Ҳомидзода Ф.М. - ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Х.

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .